# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Мансурӣ Замира Мирзоализода дар мавзуи «Мақоми тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар омӯзиши адабиёти Мовароуннаҳри асри XVI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00-Адабиётшиносӣ (10.01.01.-Адабиёти тоҷик. Равобити адабӣ)**

Диссертатсияи унвонҷӯйи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Мансурӣ Замира Мирзоализода дар мавзуи «Мақоми тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар омӯзиши адабиёти Мовароуннаҳри асри XVI» ном дошта, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00-Адабиётшиносӣ (10.01.01.-Адабиёти тоҷик. Равобити адабӣ) таълиф гардидааст. Он ба яке аз мубрамтарин мавзуъҳои адабиётшиносии тоҷик бахшида шуда, аз муқаддима, 3 боб, 9 фасл, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ ва феҳристи ихтисораҳо иборат аст.

Мансурӣ Замира Мирзоализода бо адабиёти илмиву назариявии зарурӣ ошно гардида, маводи таҳқиқии зиёд ҷамъ оварда, онҳоро тасниф намуда, ба риштаи таҳлили муқоисавӣ кашидааст.

Муқаддимаи кори мазкур ҳамаи бандҳои зарурири фарогир аст. Унвонҷӯ мубрамиву зарурати таҳқиқотро асоснок карда, дараҷаи омӯзиши мавзуъро хуб таҳлил намуда, ҳадафу объекти мавзуъ, масъалаҳои таҳқиқот, усулҳои пажӯҳиш, соҳаву марҳала, пойгоҳ, эътимоднокиву натиҷа ва навгониҳои тадқиқашро асоснок кардааст.

Дар ду фасли боби I зимни маълумоти муфассали зиндагинома ва мероси адабии Хоҷа Ҳасани Нисориро аз дидгоҳи нав, аз рӯйи якчанд дастхатҳо ба риштаи таҳқиқ кашидааст ва хулосаҳои дурусту ҷолиб баровардааст.

Бо мақсади нишон додани махсусияти адабии асари таҳқиқшаванда дар боби дуюми рисола, ки «**Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ – сабки таълиф ва арзиши адабии он**» унвон дорад ба омӯзиши сохт, сабк, аризҳо, масъалаҳои шинохти рӯзгор ва осори шуаро бахшида шуда, дар фаслҳои алоҳида таҳлили амиқи илмӣ кардааст. Нақши тазкираро, тарзи овардани маълумотро дар боби мазкур бо мисолҳои мушаххас равшан сохтааст.

**«Ҷойгоҳи тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар раванди тазкиранигории форсӣ-тоҷикӣ»** унвони боби сеюми диссертатсияро ташкил додааст. Дар фасли аввали ин боб тазкираҳои асри XVI Мовароуннаҳр ва муаррифии шуарои камшуҳрати тоҷикро нишон

додааст. Фасли дигарро ба баррасии манобеи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ бахшидааст ва дар фасли сеюми ҳамин боб тадовуми анъанаҳои тазкиранигорӣ ва таъсири Нисорӣ ба ҷараёни тазкиранигории қарни XVI ва асрҳои баъдӣ ба таври бояду шояд таҳлил кардааст.

Ҳар боби диссертатсия дорои хулосаҳо буда, дар он аз раванди таҳқиқ натиҷагирӣ намудааст.

Дар 12 банди натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, ки хулосаи асосии диссертатсияро ташкил медиҳад ва дастовардҳои тадқиқашро натиҷагирӣ кардааст, ки ҳамагӣ аз лиҳози илмию назариявӣ пурмӯҳтавоянд.

Дар рисолаи илмии мазкур 180 адабиёти илмию назариявӣ ва методию таълимӣ истифода шудаанд.

Мансурӣ Замира оид ба мавзуи тадкиқ 7 мақола чоп кардааст, ки 3 тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мунташир шуда, мазмуну мӯҳтавои асосии диссертатсияро ифода мекунад.

Дастгоҳи илмию назариявӣ, ҷанбаи таҳқиқии диссертатсия ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Диссертатсияи тақризшаванда гувоҳи он аст, ки унвонҷӯй соҳиби қобилияти хуби анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аст.

Бо дарназардошти нуктаҳои боло пешниҳод менамоям, ки диссертатсияи унвонҷӯи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Мансурӣ Замира Мирзоализода дар мавзуи «Мақоми тазкираи «Музаккири аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар омӯзиши адабиёти Мовароуннаҳри асри XVI» ба муҳокимаи шурои дифои назди донишгоҳи мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00-Адабиётшиносӣ (10.01.01.-Адабиёти тоҷик. Равобити адабӣ) манзур карда шавад.

**1.Мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии эътирофшудаи КОА-и Федератсияи Россия ва назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[1-М].** Мансурӣ, З.М. “Осори Хоҷа Ҳасани Нисорӣ” / З.М. Мансурӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ / (ISSN 2413-516X). – Душанбе: Сино, №8. 2023. – С. 221-230.

**[2-М].** Мансурӣ, З.М. “Баррасии сохтори “Музаккири аҳбоб”-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ” / З.М. Мансурӣ // Суханшиносӣ. Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти Академияи милии илмҳои Тоҷикистон. Бахши адабиётшиносӣ / (ISSN 2308-7420). – Душанбе: Рӯдакӣ, №2. 2022. – С. 89-96.

**[3-М].** Мансурӣ, З.М. “Баҳсе дар рӯзгори шоир ва тазкиранигор нисории Бухорой” / З.М. Мансурӣ // Суханшиносӣ. Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти Академияи милии илмҳои Тоҷикистон. Бахши адабиётшиносӣ / (ISSN 2308-7420). – Душанбе: Рӯдакӣ, №4. 2023. – С. 195-204.

**2. Мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмӯаҳои илмӣ**

**[4-М].** Мансурӣ З.М. "Музаккири аҳбоб"-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ / З.М. Мансурӣ // Фаслномаи илмӣ-адабӣ. Нашрияи МД "Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ". / (ББК 83.3(2)Т, УДК 8 Т 2, Ф – 42) – Хуҷанд: Хуросон, №4. 2021. – С. 134-136.

**[5-М].** Мансурӣ З.М. "Ҷойгоҳи арабият дар тазкираи "Музаккири аҳбоб"-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ" / З.М. Мансурӣ //Пешвои миллат ва рушди илм дар Тоҷикистон (маводи конфернесияи ҷумҳуриявӣ тахти унвони "Пешвои миллат ва рушди илм дар Тоҷикистон", ба ифтихори 145-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, бунёдгузори адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ ва бахшида ба Рӯзи илми тоҷик) / (ТДУ 327 ТКБ 66.4). - Хуҷанд: Ношир, 2023. – С. 478-484.

**[6-М]**. Мансурӣ З.М. "Хоҷа Ҳасани Нисорӣ-шоир" / З.М. Мансурӣ // Фаслномаи илмӣ-адабӣ. Нашрияи МД "Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ". / (ББК 83.3(2)Т, УДК 8 Т 2, Ф – 42) – Хуҷанд: Хуросон, №2 (34). 2023. – С. 33-19.

**[7-М].** Мансурӣ, З.М. "Consideration of peculiarity of one style entitled as "muzakkiri ahbob" by nisori (on the example of the place of the belles-letters arts called saj` and tansiq-us-sifot)" \ З.М. Мансурӣ // Академическое издательство "Научная артель". Научный журнал «In situ» / (ISSN (p) 2411-7161, ISSN (e) 2712-9500). – Москва: Некрасова, №8. 2023. – С. 32-35.

Роҳбари илмӣ: номзадии илмҳои филологӣ, дотсент — Шарипова М.З.

02.10.2023.

Имзои Шарипова М.З.-ро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Наврузов Э. М.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС